

Ёддошти таҳлилӣ

# Ҳалли масъалаҳои таъсири иқлим ба ҳайвоноти ваҳшӣ ва ҷомеаҳо дар минтақаҳои кӯҳӣ

## Тоҷикистон

CAMCA

GRID ARENDAL

A UNEP Partner

# Муқаддима

Осиёи Марказӣ ба таъсири тағйирёбии иқлим, аз қабили кам шудани дастрасии об ва хушксолӣ, ки ҳам ба одамон ва ҳам ба ҳайвоноти ваҳшӣ таҳдид мекунад, хеле осебпазир аст. Намудҳои калидӣ ба монанди гавазни бухороӣ, архар, бабри барфӣ ва ғайра барои мутобиқ шудан ба ин тағйирот масири ҳаракат ва муҳите, ки истифода мебаранд тағйир медиҳанд, ки метавонад ҳудудҳои муҳофизатшавандаи мавҷударо бесамар гардонад ва ҳайвонотро ба таҳдидҳои нав дучор кунад. Деворҳо, садҳо, маҳкамкунии сарҳадҳо ва роҳҳо намудҳоро аз ҷустуҷӯи макони зист ва ғизои мувофиқ боздошта, устувории онҳоро коҳиш медиҳанд. Илова бар ин, бо сабаби тағйирёбии иқлим муддати чарои чорво дар табиат зиёд шуд, он ба ҷойҳои баландтар кӯчид, ки аксар вақт ба низоъҳои байни одамон ва ҳайвоноти ваҳшӣ, шикори ғайриқонунӣ ва воридшавӣ ба макони зисти намудҳои ёбоӣ оварда мерасонад. Дар ин ёддошти таҳлилӣ шарҳи мухтасари таъсири пешбинишудаи иқлим ба ҳайвоноти ваҳшӣ ва ҷомеаҳо оварда шудааст, инчунин тавсияҳои мушаххас оид ба баланд бардоштани устувории ҳифзи намудҳо ва идоракунии ҳудудҳои муҳофизатшаванда ба тағйирёбии иқлим пешниҳод шудаанд.



# Тағйироти мушоҳидашуда ва пешбинишудаи иқлим

Тоҷикистон мувофиқи маълумотномаи гузориши шашуми Бюллетени иттилооти минтақавии ГМБТИ (Гурӯҳи мутахассисони байналхалқӣ доир ба тағйирёбии иқлим, IPCC) дар байни минтақаҳои Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ ва Осиёи Шарқӣ ҷойгир шудааст. Тамоюлҳои обу ҳаво ва иқлим дар кишвар инчунин бо ҷойгиршавии махсуси он дар ин ду минтақа тавсиф карда мешаванд: Осиёи Маркази Ғарбӣ (WCA), ки ба категорияи васеътари Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ дохил мешавад ва Осиёи Маркази Шарқӣ (ECA), ки ба категорияи Осиёи Шарқӣ дохил мешавад.[1]

Дар Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ аз солҳои 1980-ум гармшавӣ ба афзоиши хушксолӣ ва афзоиши боришоти шадид, алахусус дар минтақаҳои баландкӯҳӣ оварда расонд. Дар даҳсолаи охир, вайроншавии пиряххои кӯҳӣ дар баландиҳо ба афзоиши ноуствории доманакӯҳҳо оварда расонд ва миқдори максималии солонаи боришоти барф дар минтақаҳои кӯҳӣ коҳиш ёфт. Тибқи пешгӯиҳо дар оянда, боришоти шиддатноки солона ва зудии боришоти шадид бо баланд шудани гармшавӣ афзоиш хоҳад ёфт. Аз ҷумла, дар Осиёи Маркази Ғарбӣ (WCA) ин ба тағйирёбии назарраси фазою вақтӣ бо коҳиши умумии боришоти тобистона ва афзоиши миқдори боришоти зимистона оварда мерасонад.

Дар баъзе минтақаҳои Осиёи Шарқӣ боришоти шадиди рӯзона зиёд шудааст ва интизор меравад, ки боз зиёдтару шадидтар шавад, ки ин дар баъзе минтақаҳои кӯҳӣ ба селҳои бештар оварда мерасонад. Дар аксари манотиқи Осиёи Шарқӣ хушксолӣ зиёд шуд, дар ҳоле ки дар минтақаҳои Осиёи Маркази Шарқӣ (ECA) намнокӣ зиёд шуд. Ғайр аз он, басомад ва шиддатнокии тӯфонҳои шадиди тропикӣ афзоиш ёфт ва траекторияҳои онҳо эҳтимолан ба қутбҳо гузаштанд.

Баъзе ҳудудҳои муҳофизатшавандаи Тоҷикистон шароити обу ҳаво ва иқлими ба худ хосро дорад.[2] Дар минтақа, бо сабаби мавҷуд будани кӯҳҳо тағйирёбии назарраси обу ҳаво ва иқлим ба назар мерасад, чун дар минтақаҳои пасткӯҳӣ он метавонад хеле гарм ва дар баландкӯҳҳо хеле сард бошад. Масалан, дар пастиҳои ҷанубу ғарбӣ ҳарорати миёна метавонад аз -10°C дар зимистон то зиёда аз 30°C дар тобистон тағйир ёбад, дар ҳоле ки ҳарорати зимистон дар минтақаҳои кӯҳии шарқӣ метавонад аз -30°C паст шавад. Дар Тоҷикистони Шимолӣ ва Марказӣ шароити иқлимии намноктарин мушоҳида мешавад, хусусан дар зимистон ва аввали баҳор, ки дар он миқдори умумии боришот дар як сол аз 2000 мм зиёд аст. Дар Тоҷикистони шарқӣ бошад шароити баръакс ба назар мерасад: дар ин ҷой ҳавои хушк бо боришоти умумии камтар аз 500 мм дар як сол ҳукмфармост. Дар моҳҳои фасли тобистон дар ҳудуди Яғноб миқдори боришот коҳиш меёбад.

Бо тағйирёбии иқлим, ҳарорати ҳаво баланд шудан мегирад ва то соли 2070 шумораи рӯзҳои мавҷҳои гармидошта беш аз 11 рӯз зиёд мешавад.  Ин ба кишоварзӣ таъсир мерасонад, зеро шумораи рӯзҳои гармӣ дар мавсими кишт меафзояд. Дар баъзе ҳудудҳои муҳофизатшавандаи Тоҷикистон низ тағйирёбии мавсимии боришот пешбинӣ шудааст: боришот дар аввали баҳор ба авҷи худ мерасад. Илова бар ин, боришоти шадид зиёд мешавад ва то соли 2070 миқдори солонаи боришоти шадид дар минтақаҳои муҳофизатшаванда то 40% зиёд мешавад.

[1] IPCC Sixth Assessment Report, Working Group I – The Physical Science Basis. Regional fact sheet – Asia. https://www.ipcc.ch/report/ar6/wg1/downloads/factsheets/IPCC_AR6_WGI_Regional_Fact_Sheet_Asia.pdf
[2] Crespi, Alice; Maines, Elena; Renner, Kathrin. 2023. Eurac Research – Analysis and interpretation of climate change scenarios for the ‘The Central Asian mammals and climate adaptation project (CAMCA).’

# Дарки тағйирёбии иқлим

Моҳи ноябри соли 2022 ва майи соли 2023 дар Тоҷикистон 79 мусоҳиба бо шахсони калидӣ тибқи методологияи Climate Crowd баргузор гардид. Аз 79 мусоҳиба 38 мусоҳиба дар деҳаҳои водии Яғноб ва атрофи он, ки дар ҷануби қисмати Шимолу ғарбии Вилояти Суғд ва 41 мусоҳиба дар атрофи мамнуъгоҳи давлатии Бешаи палангон дар ҷануби қисмати ҷанубу ғарбии Вилояти Хатлон ҷойгир аст, гузаронида шуд. Дар Яғноб тағйироти маъмултарини обу ҳаво, ки 87% пурсидашудагон дар бораи он хабар доданд, кам шудани боришот (87% пурсидашудагон), тағйирёбии мавсими фасли сол (66% пурсидашудагон), инчунин афзоиши давраҳои гармӣ ва рӯзҳои гармтар (55% пурсидашудагон) буд. Ба ҳамин монанд, 71% пурсидашудагон дар минтақаи атрофи мамнуъгоҳи давлатии Бешаи палангон дар бораи кам шудани боришот ва тағйирёбии фасли сол хабар доданд ва ҳамзамон оид ба зиёдшавии хушксолӣ (63% пурсидашудагон) иттилоъ доданд.

Ин тағйироти обу ҳаво ба фаъолияти мардуми Яғноб таъсир расонд. Дар рафти пурсиш мардум бештар таъсироти зеринро ишора карданд: коҳиши ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ (63% пурсидашудагон), коҳиши дастрасии чарогоҳҳо (61% пурсидашудагон) ва коҳиши дастрасӣ ба об (55% пурсидашудагон). Дар деҳаҳои атрофи "Бешаи палангон" 88% пурсидашудагон дар бораи коҳиши ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, 68% дар бораи коҳиши дастрасӣ ба об ва 66% дар бораи афзоиши шумораи зарарасони зироатҳои кишоварзӣ хабар доданд. Мусоҳибон дар ҳарду минтақа  ишора карданд, ки дар натиҷаи ин таъсирот, аз ҷумла коҳиши ҳосилнокии зироатҳо, вобастагии онҳо аз бозорҳои фурӯши молҳо (мутаносибан 39% ва 56% пурсидашудагон) афзудааст, инчунин баъзе иттилоъ доданд, ки онҳо ба кишти намудҳои зироатҳои ба хушкӣ тобовартар гузаштаанд (26% ва 41% пурсидашудагон). Дар Яғноб 26% пурсидашудагон гузориш доданд, ки онҳо баъзе дороиҳои худро барои ба даст овардани даромади иловагӣ аз сабаби нарасидани даромад, ки дар натиҷаи коҳиши ҳосилнокии кишоварзӣ ба вуҷуд омадааст, фурӯхтаанд. Дар деҳаҳои наздики "Бешаи палангон" низ 32% пурсидашудагон ба коҳиши ҳосилнокии кишоварзӣ ва аз ин сабаб афзоиши истифодаи пеститсидҳоро ишора карданд.

Тағйирёбии обу ҳаво ва иқлим инчунин ба гуногунии биологӣ, яъне ҷойгиршавии намудҳо ва популятсия таъсир мерасонад. Дар ҳарду минтақа пурсидашудагон дар бораи коҳиши шумораи намудҳои ҳайвоноти ваҳшӣ (мувофиқан 47% ва 32% пурсидашудагон) ва тағйирёбии ареали зисти онҳо (45% ва 24% пурсидашудагон) хабар доданд. Дар Яғноб 32% пурсидашудагон дар бораи кам шудани пӯшиши растаниҳо хабар доданд, дар деҳаҳои атрофи "Бешаи палангон" 24% пурсидашудагон дар бораи зиёд шудани хушкшавии растаниҳо аз гармии зиёд хабар доданд.

# Таъсири иқлим ба муносибати одамон ва ҳайвоноти ваҳшӣ

## **Архар** *(Ovis ammon)*

| | |
|---|---|
| **Номи умумӣ:** | Архар |
| **Номи илмӣ:** | *Ovis ammon* |
| **Паҳншавии ҷуғрофӣ:** | Тибет, Афғонистон, Чин, Ҳиндустон, Қазоқистон, Қирғизистон, Муғулистон, Непал, Покистон, Русия, Тоҷикистон, Ӯзбекистон |
| **Шумора дар Тоҷикистон:** | 29 121 |
| **Ғизо:** | Ҳайвони растанихӯр аст; растаниҳои гуногуни алафӣ, хорбутта, нимбутта |
| **Муҳити зист:** | Минтақаҳои тепаю даштҳои кӯҳӣ бо ҳарорати бисёр тағйирёбанда |
| **Хусусиятҳо:** | Калонтарин гӯсфанди ваҳшӣ; шохҳои дарози тобхӯрда дорад; тӯъмаи муҳим барои бабрҳои барфӣ ва гургҳо |
| **Мақом дар Руйхати сурхи ИБХТ:** | Наздики хатар қарордошта (Near Threatened) |
| **Китоби Сурхи Тоҷикистон:** | Ворид шудааст |

### Таҳдидҳои асосӣ:

Архарҳо дар минтақаҳои теппаю даштии баландкӯҳ бо ҳарорати нисбатан паст зиндагӣ мекунанд. Тибқи маълумоти расмӣ, сарфи назар аз таҳдидҳои мавҷуда, аз қабили шикори ғайриқонунӣ ва рақобат бо чорво, шумораи архарҳо Дар Тоҷикистон ба таври назаррас афзоиш ёфта истодааст.

Таҳдиди асосӣ барои архарҳо шикори ғайриқонунӣ мебошад. Шикори ғайриқонунӣ бевосита ба нобудшавии архарҳо оварда мерасонад ва ин амал аз ҷониби инсон боиси он мегардад, ки архарҳо ба макони зисти ба худ номуносиб раванд. Таъсири тағйирёбии иқлим ба шиддатнокии шикори ғайриқонунӣ ҳанӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудааст. Бо кам шудани захираҳо ва муҳити зист ва афзоиши ҳузури мавсимии чорво дар минтақаҳои баландкӯҳ, одамон торафт бештар дар наздикии архарҳо қарор мегиранд ва ин барои шикор имкониятҳои бештар фароҳам меорад, алахусус дар шароити ноустувории эҳтимолии иқтисодӣ.

Афзоиши саршумори чорво ва азхудкунии чарогоҳҳои кӯҳӣ аз ҷониби одамон боиси рақобат барои ғизо мегардад, муҳити зисти мавҷударо коҳиш медиҳад ва боиси таназзули муҳити зист мегардад. Интизор меравад, ки тағйирёбии иқлим доираи ҳудудию вақтии чарогоҳҳои чорворо тағйир диҳад ва баромадани чорво ба минтақаҳои баландтар васеъ мешавад, ки ба шадид шудани рақобат бо архарҳо оварда мерасонад.

Инфрасохтори масирӣ (масалан, роҳҳо, садҳои сарҳадӣ ва ғайра), инчунин рушди саноат ба парокандагии популятсияҳо ва макони зист оварда мерасонад, ки дар навбати худ ба нестшавии гуногунии генетикӣ оварда мерасонад ва эҳтимолияти нобудшавиро дар сатҳи маҳал зиёд мекунад. Интизор меравад, ки тағйирёбии иқлим хусусияти кӯчиши архарҳоро тағйир диҳад. Рафти кӯчиши архарҳо метавонад торафт бештар бо инфрасохтор (масалан, садди мавҷуда дар марз бо Чин) маҳдуд карда шавад, ки он убури марзро аз ҷониби ҳайвоноти ваҳшӣ таъмин намекунад.

Таназзули муҳити зист. Дар Помири Тоҷикистон ҷамъоварии нимбуттаҳо барои сӯзишворӣ (асосан терескен) миқдори хӯроки зимистонаро коҳиш медиҳад ва биёбоншавии чарогоҳҳои баландкӯҳро, ки аллакай ба тағйирёбии иқлим осебпазиртаранд, суръат мебахшад, зеро он эҳтимолан ҳосилнокӣ ва сифати онҳоро коҳиш медиҳад.

### Дигар таҳдидҳо:

- Чорво метавонад интиқолдиҳандаи бемориҳо, аз ҷумла бемории оқсил, вабои чорво ва саркоптоз бошад. Баландшавии ҳарорат боиси афзоиши паҳншавии




бемориҳо дар байни чорво мегардад ва бо тағйирёбии иқлим, чорво ба чарогоҳҳои баландкӯҳ ҳаракат мекунад, алоқа бо архарҳо эҳтимолан афзоиш ёфта, боиси паҳншавии беморӣ мегардад.
- Тағйирёбии иқлим метавонад аз сабаби афзоиши эҳтимолии хушкӣ ва тағйирёбии фенология, ба мавҷудият ва сифати растаниҳои ғизогӣ таъсир расонад.

## Тавсияҳои сиёсӣ:

Беҳтар кардани риояи чораҳои мавҷудаи мубориза бо шикори ғайриқонунӣ ва ҳама чораҳои иловагӣ барои коҳиш додани шикори ғайриқонунӣ ва қонуншиканиҳои марбут ба он тавассути ҷаримаҳо, посбонӣ, омӯзиши посбонон ва истифодаи ҳуқуқ дар сатҳи ҷомеа. Андешидани чораҳо доир ба дастгирии ҳудудҳои муҳофизатшавандаи ҷамъиятӣ ё ҳудудҳои идорашаванда, аз ҷумла хоҷагиҳои шикорӣ, ки ба муҳофизат ва идоракунии ҳайвоноти ваҳшӣ мусоидат мекунанд.

Амалӣ намудани сиёсати истифодаи устувори замин, ки ба ҳамзистии архарҳо бо истифодабарандагони замин, хусусан бо чорводорӣ мусоидат мекунад. Барои мисол:

- ба нақшаҳои идоракунии чарогоҳҳо, нақшаҳои рушди ҷамоатҳо ва дигар тадбирҳои идоракунии замин эҳтиёҷоти архарро дохил карда шавад. Шумораи сагҳои чӯпонӣ маҳдуд гардида, ҳаракати онҳо назорат карда шавад, ҳамзамон чаронидани чорво дар чарогоҳ ба танзим даровarда шавад, то ин ки рақобат барои ғизо ва изтироб маҳдуд гардад, аз таназзули чарогоҳҳо, ки аз чарои ғайримавсимӣ ба вуҷуд омадаанд, пешгирӣ ба амал ояд. Назорат карда шавад, ки шумораи чорво ба иҷозатномаи шумораи ҷойгиршавӣ бо назардошти эҳтиёҷоти архарҳо ва дигар ҳайвоноти ваҳшӣ барои хӯрок мувофиқат мекунад;
- Ҳавасмандгардонии имконоти алтернативии истифодаи устувор (сайёҳии табиӣ, имкониятҳои танзимшавандаи шикор), ки ба ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои дақиқи гурӯҳҳои истифодабарангдагон, хусусан ҷамоаҳои маҳаллӣ ва истифодабарандагони замин асос ёфтааст;
- Имконоти тақвияти системаи ҳифзи табиат дар сатҳи ҳукумат, ки аллакай амалӣ карда мешавад, дар асоси ҳавасмандгардонӣ тавассути шикори устувор дар минтақаҳои

муайяни идоракунии ҳайвоноти ваҳшӣ, масалан тавассути таҳияи ташаббусҳо дар сатҳи ҷамоатҳо ва ҷудо кардани қитъаҳо ва квотаҳои мувофиқ, инчунин тавассути тақсимоти шаффофи қисми назарраси даромад аз шикор ба ҳадафҳои рушди маҳаллӣ ва некӯаҳволии иҷтимоӣ арзёбӣ гардад.

Дар сатҳи миллӣ:
- Барои муайян кардани монеаҳои мавҷудаи кӯчиш, ба мисли инфрасохтори хаттӣ (масалан, садҳои сарҳадӣ) таҳлилҳо гузаронида, онҳоро тавассути татбиқи чораҳое, ки монеаҳоро кам мекунанд, бартараф ё сабук кардан лозим аст;
- Баҳодиҳии ҳамаҷонибаи тамоми чорабиниҳои рушд (инфрасохтор, истихроҷи маъдан, сайёҳӣ), муайян кардани афзалиятҳои банақшагирӣ, ки зарар ба популятсияи архар ва макони зисти онҳоро пешгирӣ намуда, имкон медиҳад таъсири манфӣ кам гардад;
- Таҳияи ҳуҷҷатҳои сиёсӣ, ки ба лоиҳаҳои инфрасохтори оянда дастур медиҳанд то кӯчиши ҳайвоноти ваҳшӣ ва дигар эҳтиёҷоти онҳо, аз ҷумла пешгирии таъсири манфӣ ва коҳиш додани таъсири манфии ногузирро дар Арзёбии таъсироти экологии худ дохил кунанд.

Зиёд кардани маблағгузорӣ ва таҳкими инфрасохтор, таҷҳизот ва иқтидори кадрҳои ҳудудҳои муҳофизатшаванда барои мониторинги самаранок, риояи қоидаҳо ва мубориза бо шикори ғайриқонунӣ ва диққати махсус ба ҳифзи архарҳо дар нақшаҳои идоракунии ҳудудҳои муҳофизатшаванда.

Таъмини назорати беҳтари байторӣ ба чорво тавассути ваксинаҳои ҳатмӣ, муоинаи байторӣ ва дигар чораҳои солимии чорво, ки ба коҳиш додани хатари интиқоли бемориҳои чорво равона шудаанд. Омӯзонидани байторони маҳаллӣ бо малакаҳо ва донишҳои махсус, ки барои бехатар ва самаранок муносибат кардан бо ҳайвоноти ваҳшии бемор, ҷамъоварӣ ва нигоҳдории дурусти биомаводҳои арзишманд заруранд.

Пурзӯр кардани риояи манъи ҷамъоварии терескен ва кӯмак ба аҳолии маҳаллӣ дар азхудкунии манбаъҳои алтернативии энергия ва баланд бардоштани самаранокии энергия.

## Ҳамкории байналмилалӣ:

Архар ба Замимаи II Конвенсияи намудҳои кӯчишкунанда (CMS) соли 2011 дохил карда шудааст, ки нишон медиҳад то барои нигоҳдорӣ ва истифодаи оқилонаи он созишномаҳои байналмилалӣ талаб карда мешаванд. Ин яке аз намудҳоест, ки аз ҷониби Ташаббуси Ширхӯрони Осиёи Марказӣ (CAMI) фаро гирифта шудааст (қатъномаи 11.24 (нусхаи такмилёфтаи COP13)). Нақшаи амал оид ба ҳифзи архар барои солҳои 2024-2032 дар маҷлиси кишварҳои ареали он дар Алмаато (Қазоқистон)  соли 2024 қабул карда шуд.

Тибқи Конвенсияи савдои байналмилалии намудҳои фауна ва флораи ваҳшии дар хатари нобудшавӣ қарордошта (CITES), зернамуди архарҳои дар Тоҷикистон зисткунанда *Ovis ammon polii* ва *Ovis ammon severtzovi* ҳамчун ду намуди алоҳида дар Замимаи II номбар карда шудаанд.

Иттиҳоди аврупо (ИА): Замимаи B ба Қоидаҳои ИА оид ба савдои ҳайвоноти ваҳшӣ. (Низомномаи ИА №709/2010, ки низомномаи ИА №338/97-ро тағйир медиҳад).

Қонуни Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар бораи намудҳои нобудшаванда (ESA) архарҳоро ба намудҳои зери таҳдиди маҳвшавӣ қарордошта (Endangered) мансуб медонад, аммо популятсияи архари дар Тоҷикистон, инчунин Муғулистон ва Қирғизистон буда мақоми “дар хатар қарордошта” (Threatened) доранд (таснифоте, ки имконият медиҳад ғаниматҳои  архарҳои қонунӣ дар асоси иҷозатномаҳои маҳдуд ва махсус додашудаи Хадамоти Вазорати моҳӣ ва ҳайвоноти ваҳшии ИМА ворид карда шаванд).



## **Нахчир** (*Capra sibirica*)

| | |
|---|---|
| **Номи умумӣ:** | Нахчир |
| **Номи илмӣ:** | *Capra sibirica* |
| **Паҳншавии ҷуғрофӣ:** | Афғонистон, Чин, Ҳиндустон, Қазоқистон, Қирғизистон, Муғулистон, Покистон, Русия, Тоҷикистон, Ӯзбекистон |
| **Шумора дар Тоҷикистон:** | 25,000–40,000 |
| **Ғизо:** | Ҳайвоноти растанихӯр; алаф, хорбуттаҳо, буттаҳо |
| **Муҳити зист:** | Минтақаҳои баландкӯҳ бо заминҳои ноҳамвор ва чарогоҳҳои васеъ |
| **Хусусиятҳо:** | Яке аз намудҳои паҳншудатарини бузҳои кӯҳӣ; қавӣ бо шохҳои калон дорад, ки бо синну сол калон мешаванд |
| **Мақом дар Руйхати сурхи ИБҲТ:** | Наздики хатар қарордошта (Near Threatened*) |
| **Китоби Сурхи Тоҷикистон:** | Ворид нашудааст |

*Эҳтимол дорад, ки суръати эҳтимолии коҳиши популятсия ба ҳадди ниҳоии 30% дар Рӯйхати Сурхи ИБҲТ (IUCN) дар тӯли се насл (дар сатҳи соли 21 муқаррар шудааст) наздик шавад, ки ин мақоми Рӯйхати Сурхро ба "осебпазир" (Vulnerable) иваз мекунад, аммо маълумоти мавҷуда ба қадри кофӣ боэътимод нест ва тамоми қаламрави намудро фаро намегирад.

### Таҳдидҳои асосӣ:

Чаронидани чорво ва ҳузури сагҳои чӯпонӣ хатари вайроншавии муҳити зист ва рақобат барои чарогоҳҳоро ба вуҷуд меорад. Таъсири тағйирёбии иқлим ба ин таҳдидҳо гуногун аст. Нахчирҳо бештар кӯчиши амудӣ доранд, ки сабаби он мавҷудияти хӯрок ва дигар шудани ҳарорат дар фаслҳои сол аст. Дар тобистон, нахчир ба ҷойҳои баландкӯҳ ҳаракат мекунанд ва дар тирамоҳ, бо боридани барф, онҳо ба ҷойҳои пасттар ва ё ба доманакӯҳҳои кушоди ҷанубӣ ҳаракат мекунанд. Бо назардошти тағйирёбии пешбинишудаи давомнокии бориши барф ва баландшавии ҳарорат, интизор меравад, ки ҳам нахчирҳо ва ҳам чорво ба ҷойҳои баландтар кӯчиш кунанд, ки дар натиҷа муҳити зисти ҳамҷояи онҳо танг ва рақобат барои чарогоҳ афзоиш меёбад.

Таъсири антропогенӣ, аз қабили шикори ғайриқонунӣ ва шикори қонунии бадназоратшаванда барои гӯшт ва фароғат, метавонад ба коҳиши популятсия оварда расонад кунад ва ҳатто дар баъзе ҷойҳо боиси нобудшавии популятсия гардад. Шикор дар Тоҷикистон ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар доираи шикори варзишии сайёҳони хориҷӣ иҷозат дода шудааст. Таъсири тағйирёбии иқлим ба шиддатнокии шикори ғайриқонунӣ ва шикори беназорат дар айни замон норавшан аст. Бо кам шудани захираҳо ва муҳити зист, наздикшавӣ ва дучоршавии аҳолӣ метавонад бо нахчирҳо бештар гардад ва ин барои шикор имкониятҳои бештар фароҳам меорад, алахусус дар шароити норасоии эҳтимолии ғизо ва ноустувории иқтисодӣ.

### Дигар таҳдидҳо:

- Бемориҳои сироятӣ, аз қабили пастереллёз, плевропневмония, некробатсиллёз, оқсил, саркоптоз метавонанд ба ин намуд бештар таъсир расонанд, зеро тағйирёбии иқлим боиси тамоси наздиктар бо чорво ва инчунин зиёдшавии омилҳои стресс мегардад, ки системаи иммунии нахчирҳоро суст мекунанд;
- Таназзули муҳити зист. Тағйирёбии иқлим эҳтимолан раванди биёбоншавиро шадидтар менамояд, зеро миқдор ва сифати растаниҳо кам мегарданд (ки ин ба тағйирёбии фенология вобаста аст) ва инчунин дастрасӣ ба обро коҳиш медиҳад, алахусус дар фасли тобистон, ки ба вазминшавии саломатии фардҳои навтавлидшуда ва модинаҳои ширдеҳ оварда мерасонад ва эҳтимолан шумораи фавтишро зиёд мекунад;
- Истихроҷи маъдан ва инфрасохтори хаттии ба он алоқаманд, аз ҷумла хатҳои барқ ва роҳҳо метавонанд роҳҳои кӯчиши нахчирро халалдор кунанд. Тағйирёбии иқлим метавонад нахчирҳоро водор кунад то роҳҳои ҳаракати худро барои ёфтани ғизо дигар кунанд.




## Тавсияҳои сиёсӣ:

Барои кам кардани вайроншавии муҳити зисти нахчир ва рақобат бо чорво бояд чунин сиёсат пеш бурда шавад:

- Ҳифзи самараноки минтақаҳоеро, ки метавонанд ҳамчун паноҳгоҳи табиӣ барои нахчир хизмат кунанд, муҳофизати ҷойҳои чаридани ин намуд, махсусан аз чарои шадиди чорво;
- Идоракунии чаронидани чорворо тавассути танзими шумораи чорво, нақшаҳои фазоӣ, мӯҳлатҳо ва усулҳои чаронидан, аз ҷумла истифодаи сагҳои посбонӣ/ чӯпонӣ, ки метавонанд нахчирро дар давраи таваллуд ё дигар ҳайвоноти ваҳширо ба монанди суғур ташвиш диҳанд ё бикушанд;
- Татбиқи амалҳое, ки ба паст кардани рақобат бо чорводорӣ нигаронида шудаанд;
- Ҷорӣ намудани ташвиқоти ҳифзи табиат (сайёҳии табиӣ; истифодаи устувор барои шикори дохилӣ ва шикори варзишӣ; дастгирӣ дар коҳиш додани низоъҳои байни одамону ҳайвоноти ваҳшӣ) барои афзудани фаъолиятҳои ихтиёрӣ, ки ба коҳиш додани фишор ба нахчир ва ҷойи зисти он тавона шудаанд.

Беҳтар кардани муҳофизат аз шикори ғайриқонунӣ ва бетартибиҳои марбут ба он тавассути ҷаримаҳо, посбонӣ, омӯзиши посбонон ва риояи қонун дар сатҳи ҷамоатҳо.

Бардоштан ё гузаронанда сохтани инфраструктураи хаттӣ (масалан, садҳои сарҳадӣ), ки ба кӯчиш монеъ мешаванд. Илова бар ин, ба муассисаҳои илмӣ тавсия дода мешавад, ки оид ба экологияи нахчир, тағйирёбии муҳити зисти он, тағйирот дар шумораи популятсия, тағйирёбии рафтор, бемориҳо ва алоқамандии ҳар яке аз ин падидаҳо бо тағйирёбии обу ҳаво ва иқлим таҳқиқоти иловагӣ гузаронанд.



Мусоидат дар ҳифзи маконҳои асосии зист, махсусан минтақаҳое, ки пиряххои зиёд доранд. Сармоягузорӣ барои таъсис ва фаъолияти ҷамъиятҳои самти ҳифзи табиатдошта, минтақаҳои идоракунии ҳайвоноти ваҳшӣ, ҳудудҳои муҳофизатшаванда ва паркҳои миллӣ. Ҷанбаи муҳими ҳифзи нахчир ин муқаррар ва таъмини риояи маҳдудиятҳои чаронидани чорво дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда мебошад.

**Ҳамкории байналмилалӣ:**
Дар Рӯйхати Сурхи ИБҲТ, нахчир мақоми намуди наздики хатар қарордошта (Near Threatened), ки шумораашон кам шуда истодааст дохил карда шудааст. СИТЕС ин намудро ба Замимаи III барои Покистон дохил карда, ҳамкории байни кишварҳоро бо мақсади пешгирии истихроҷи ғайриқонунӣ дастгирӣ кард.



## Гавазни бухорой (*Cervus hanglu bactrianus*)

| | |
|---|---|
| **Номи умумӣ:** | Гавазни бухорой |
| **Номи илмӣ:** | *Cervus hanglu bactrianus* |
| **Паҳншавии ҷуғрофӣ:** | Афғонистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Туркманистон |
| **Шумора дар Тоҷикистон:** | 520–560 (2023) устувор (қисман намуди фаромарзӣ бо Ӯзбекистон Ва Афғонистон); як популятсияи калони хуб муҳофизатшуда ва якчанд популятсияҳои хурди интродутсияшуда |
| **Ғизо:** | Ҳайвони растанихӯр; алафҳо |
| **Муҳити зист:** | Поёноби дарёҳо бо туғайзор ва нимбиёбонҳою заминҳои кишоварзии атрофи онҳо |
| **Хусусиятҳо:** | Бузургтарин ҳайвони алафхӯр дар экосистемааш, ки ба динамикаи растаниҳо таъсири назаррас мерасонад |
| **Мақом дар Руйхати сурхи ИБҲТ:** | Намуди бо камтарин изтироб (Least Concern*) |
| **Китоби Сурхи Тоҷикистон:** | Ворид шудааст |

*Гавазни бухорой ҳамчун намуди осебпазир (Vulnerable) дар соли 1994 ба Рӯйхати сурхи ИБҲТ дохил карда шуд, аммо ҳоло он ҳамчун Cervus elaphus дохил карда шудааст, ки камтарин изтиробро дорад. Тибқи меъёрҳои Рӯйхати сурхи ИБҲТ дар сатҳи миллӣ, гавазни бухорой дар Тоҷикистон осебпазир аст, зеро шумораи фардҳои болиғ камтар аз 1000 фардро ташкил медиҳад.

### Таҳдидҳои асосӣ:

Гавазни бухорой дар пастхамиҳои соҳилӣ бо туғайзор ва минтақаҳои нимбиёбонию заминҳои кишоварзии атрофи он зист мекунанд. Туғайзор ҳамчун паноҳгоҳ ва ҷойи ғизогирӣ хизмат мекунад ва дар навбати худ он аз динамикаи ҷараёни табиии об вобастагии зиёд доранд. Таърихан, гавазнҳо дар тамоми водиҳои дарёҳои Аму, Сир, Мурғоб, Теҷен, Зарафшон ва Иле зиндагӣ мекарданд, аммо туғайзорҳо торафт пора-пора айни замон танҳо дар наздикии ин дарёҳо боқӣ мондаанд.

Аксари ҷойҳои зисти таърихии ин намуд бо сабаби вайроншавӣ ва харобшавии муҳитҳои соҳилӣ дигар ба гавазни бухорой номувофиқ шудааст:

- Азхудкунии замин барои истифодаи кишоварзӣ;
- Аз ҷониби инсон тағйир дода шудани режими гидрологӣ бо танзими ҷараёни об тавассути обанборҳои болотар ҷойгиршуда, ки барои обёрӣ ва ё истеҳсоли нерӯи барқ истифода мешаванд. Ин ба коҳиши динамикаи байни мавсимӣ ва байнисоҳавии маҷрои об оварда мерасонад;
- Гирифтани миқдори зиёди оби дарё барои мақсадҳои обёрӣ, паст кардани сатҳи обҳои зеризаминӣ ва баланд бардоштани хушкии минтақаҳои наздисоҳилӣ ва атрофи он;
- Буриши ғайриқонунии ҷангал дар туғайзор;
- Сӯхторҳое, ки сабаби ба вуҷуд омадани он инсон мешавад (аксар вақт қасдан).

Дар маконҳои хурди боқимонда, популятсияҳои гавазни хуб муҳофизатшаванда метавонанд ба дараҷае афзоиш ёбад, ки аз иқтидори ҷойи зисти онҳо зиёдтар шаванд ва аз ин рӯ метавонанд ба муҳит зарари эҳтимолӣ расонанд. Илова бар ин, бо назардошти ғизонокии нисбатан баланд доштани туғайзорҳои соҳилӣ дар муқоиса бо заминҳои атроф, барои чаронидани чорво низ ҷолиб мебошанд, ки ин вайроншавии муҳити зистро метезонад.

Тағйирёбии иқлим метавонад боиси пайдошавии стресси гармӣ дар намуд, хусусан дар тобистон ва ҳангоми ҷуфтшавӣ дар тирамоҳ гардад, ки ба суръати афзоиши популятсия таъсир мерасонад. Он инчунин метавонад ба тағйироти режими ва динамикаи сатҳи об дар минтақаҳои соҳилӣ, афзоиши хушкӣ ва дигар ҳолатҳои стресс дар туғайзор оварда расонад. Бо сабаби парокандашавии муҳити зист, популятсияҳо наметавонанд ба осонӣ байни ҳудудҳои мувофиқи зист рафту омад кунанд ва аз ин рӯ таъсири манфии тағйирёбии иқлим ба онҳо боз зиёдтар мешавад.

### Дигар таҳдидҳо:

- Шикори ғайриқонунӣ: гавазни бухороиро асосан барои гӯшташ ва баъзан эҳтимолан дар низоъ бо деҳқонон, вақте ки гавазн ба зироатҳо зарар мерасонанд, мекушанд. Тағйирёбии иқлим метавонад вазъиятро бадтар созад, хусусан агар аҳолӣ аз норасоии ғизо ва ноустувории иқтисодӣ азоб кашанд.

## Тавсияҳои сиёсӣ:

Эҳтиёҷоти гавазни бухороӣ ва тамоми экосистемаи наздисоҳилии туғайзорҳо бояд дар сатҳи қонунгузорӣ, нақшаҳои рушд, идоракунии заминҳои ҷамоатҳо, идоракунии васеи захираҳои об ва инфрасохтор, ки ба минтақаҳои соҳилӣ таъсир мерасонанд, ба назар гирифта шаванд:

- Арзёбии вазъи ҳозира ва пешбинишавандаи гидрологӣ ва динамикаи обҳои соҳилӣ дар маконҳои зисти гавазни бухороӣ дар заминаи таъсири воситанок ва бевоситаи тағйирёбии иқлим;
- Ба нақшаҳои идоракунии ҳудудҳои муҳофизатшаванда, идоракунии ландшафт, идоракунии захираҳои об ва рушди инфрасохтор ворид кардани масоили ҳифзу нигоҳдоши туғайзор ва динамикаи ҷараёни оби тоза;
- Коркард, мувофиқа ва амалисозии сиёсатҳо ва созишномаҳои байналмилалии истифодаи об, ки эҳтиёҷоти ҳудудҳои муҳофизатшаванда ва туғайзорҳоро ба нақшаҳои идоракунии захираҳои об дохил мекунанд;
- Ҷорӣ намудани моратория ба ҳама гуна фаъолият оид ба истихроҷи маъдан, кишоварзӣ ё азхудкунии замин дар экосистемаҳои боқимондаи соҳилӣ, беҳтар кардани фаъолияти зиддисӯхторӣ ва баланд бардоштан огоҳии аҳолӣ нисбат ба он.

Арзёбии имконоти ҳифзи табиат дар асоси ҳавасмандкунӣ тавассути шикори устувор дар минтақаҳои вобасташуда, эҷоди рағбат барои муҳофизат аз шикори ғайриқонунӣ ва таъмини ҳамзистии ҷамоаҳои маҳаллӣ ва гавазни бухороӣ берун аз ҳудудҳои муҳофизатшаванда.

Барои густариши робита байни популятсияҳо:

- Қабул кардани сиёсатҳое, ки робитаи байни популятсияҳо ва муҳитҳои зистро дар нақшаҳои идоракунии захираҳои замин, рушд ва инфрасохтор инъикос мекунанд;
- Арзёбии васеъ кардани муҳити зисти гавазни бухороӣ дар водии дарёҳои Зарафшон, Панҷ ва Вахш, инчунин дида баромадани имконоти таъсиси ҳудудҳои нави муҳофизатшаванда, ҳудудҳои идоракунии табиати ваҳшӣ ё гузаргоҳҳо барои кӯчиш;
- Ҳамкории фаромарзӣ байни Тоҷикистону Ӯзбекистон дар ноҳияи Зарафшон ва водии Амударё оид ба ҳифз, идоракунӣ ва мониторинги гавазни бухороӣ.






## Ҳамкории байналмилалӣ:

Гавазни бухорой ба замимаҳои I ва II CMS ҳамчун *Cervus elaphus yarkandensis* (популятсияҳо дар Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Афғонистон) дохил карда шудааст ва яке аз намудҳои воридшуда ба Ташаббуси Осиёи Марказӣ оид ба ширхӯрон (CAMI) (Қатъномаи 11.24 (версияи аз нав дида баромадашудаи COP13)) мебошад. Пас аз коҳиши ташвишовари популятсияи он, вақте ки шумораи умумии намудҳо ҳамагӣ 350 фардро ташкил медод, кишварҳои ареал Меморандуми ҳамдигарфаҳмӣ (MOU) - ро оид ба ҳифз ва барқарорсозии гавазни бухорой (2002) мувофиқа карданд ([Memorandum of Understanding (MOU) concerning Conservation and Restoration of the Bukhara Deer]) ва дар соли 2024 давлатҳои имзокунандаи он барномаи нави корӣ оид ба ҳифзи гавазни бухороиро барои солҳои 2025-2032 қабул карданд.

Иттиҳоди аврупо( ИА): замимаи B ба Қоидаҳои ИА оид ба савдои ҳайвоноти ваҳшӣ.

Қонуни Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар бораи намудҳои нобудшаванда (ESA) гавазни бухороиро *Cervus elaphus bactrianus* ба категорияи зери таҳдиди маҳвшавӣ қарордошта (Endangered) дохил кардааст.

Он инчунин ҳамчун *Cervus elaphus bactrianus* ба замимаи II CITES дохил карда шудааст.

## Бабри барфӣ *(Panthera uncia)*

| | |
|---|---|
| **Номи умумӣ:** | Бабри барфӣ |
| **Номи илмӣ:** | *Panthera uncia* |
| **Паҳншавии ҷуғрофӣ:** | Афғонистон, Бутан, Ҳиндустон, Қазоқистон, Чин, Қирғизистон, Муғулистон, Непал, Покистон, Русия, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон |
| **Шумора дар Тоҷикистон:** | тақрибан 500 фард дар якҷоя по фардҳои Қирғизистон |
| **Ғизо:** | Ҳайвони дарранда; ҷуфтсумони кӯҳӣ (архар, морхӯр, нахчир), чорвои хонагӣ ва ширхӯрони хурд (суғурҳо, харгӯшҳо) ва парандагон |
| **Муҳити зист:** | Минтақаҳои кӯҳӣ бо релефи ноҳамвор, нишеб ва баромадгоҳҳои |
| **Хусусиятҳо:** | санглох |
| **Мақом дар Руйхати сурхи ИБҲТ:** | Намуди калидӣ, ки томмияти биологии экосистемаҳои кӯҳиро дастгирӣ мекунад; ҳамчун “хуҷаини кӯҳсорон” маъруф аст. |
| **Китоби Сурхи Тоҷикистон:** | Намуди осебпазир (Vulnerable) |
| | Ворид шудааст |

### Таҳдидҳои асосӣ:

Туъмаи асосии бабрҳои барфӣ ҷуфтсумони кӯҳӣ мебошанд. Шикори ғайриқонунии туъмаи он дастрасии ғизоро барои бабри барфӣ коҳиш медиҳад. Афзоиши саршумори чорво ва идоракунии бесамари чарогоҳҳо муҳити зист ва сифати хӯрокро паст мекунад, ки боз ҳам ба даст овардани туъмаро коҳиш медиҳад. Ҳардуи ин омил боиси зиёд шудани хатари ҳамлаи даррандаҳо ба чорво мешаванд ва барфҳои барфие, ки ба чорво ҳамла мекунанд, баъзан ҷавобан кушта мешаванд. Тағйирёбии иқлим ба дигаршавии фазоии муҳити зисти ҷуфтсумони кӯҳӣ, тарзи чарои чорво, тағйирёбии ҷойгиршавии туъмаи бабри барфӣ ва зиёдшавии рақобати байни ҷуфтсумони кӯҳӣ ва чорвои хонагӣ барои чарогоҳҳо оварда мерасонад.

Дидаю дониста ё тасодуфан шикори ғайриқонунии бабрҳои барфӣ ва тариқи ғайриқонунӣ нест кардани пӯст ва дигар узвҳои бадан аз таҳдидҳои иловагӣ мебошанд. Тағйирёбии иқлим метавонад вазъи иқтисодӣ ва норасоии ғизоро дар ҷомеаҳои кӯҳӣ шадидтар кунад, ки боиси афзоиши шумораи шикори ғайриқонунии барфҳои барфӣ аз ҷониби шахсони алоҳида барои тиҷорати ғайриқонунии ҳайвоноти ваҳшӣ мегардад.

Истихроҷи маъдан ва рушди энергетика низ таҳдиди эҳтимолӣ доранд, зеро онҳо тавассути рушди инфрасохтори хаттӣ сабаби аз байн рафтани муҳити зист, парокандашавии муҳити зист ва аҳ ҳам гусастани пайванди генетикӣ мешаванд. Ғайр аз инфрасохтори хаттии марбут ба саноат, инфрасохтори амнияти миллӣ (масалан, садҳои сарҳадӣ) инчунин ба парокандагии муҳити зист мусоидат мекунад. Тағйирёбии иқлим ба масирҳои кӯчиши ҳайвонот таъсир мерасонад ва метавонад таъсири монеагии чунин иншоотро афзоиш диҳад, агар минтақаи гузариши ҳайвоноти ваҳшӣ ба назар гирифта нашавад.

### Дигар таҳдидҳо:

- Чорво инчунин метавонад интиқолдиҳандаи бемориҳои туъмаи бабри барфӣ, аз ҷумла оқсил, вабои чорвои хурд ва саркоптоз бошад. Дар охир, инчунин метавонад ба барфҳои барфӣ низ ин бемориҳо гузарад. Ҳамсоягии сагҳои чӯпонӣ бо бабрҳои барфӣ метавонад хатари интиқоли вируси вабо ва бемории девонагиро ба вуҷуд орад. Бо тағйирёбии иқлим, интиқоли бемориҳо метавонад дар натиҷаи наздикшавии чорво бо бабри барфӣ ва туъмаҳои он афзоиш ёбад.

### Тавсияҳои сиёсӣ:

Бояд сиёсатеро таҳия кард, ки ба ҳамзистии бабрҳои барфиро бо заминистифодабарии инсон, алахусус дар чорводорӣ мусоидат мекунад. Ҳамзистӣ метавонад тавассути:

- беҳтар намудани идоракунии чарогоҳҳо ва банақшагирии истифодаи замин тавассути танзими мӯҳлатҳо ва ҷойҳои чаронидани чорво барои маҳдуд кардани рақобат бо чорво ва пешгирии таназзули чарогоҳҳо; таъмини мувофиқат кардани саршумори чорво ба иқтидори чарогоҳҳо, бо назардошти талабот ба хӯроки ҳайвоноти ваҳшӣ, ки ҳамчун тӯъмаи барфи барфӣ хизмат мекунанд; танзими шумора ва ҳаракати сагҳои чӯпонӣ;




- тарғиби роҳҳои алтернативии ба муҳит безарар барои ба даст овардани воситаҳои зиндагӣ, ки ба аҳолӣ имкон медиҳанд, ки аз чорво камтар вобастагӣ дошта бошанд ва саршумори онро кам кунанд;
- кам кардани хатари куштори ҷавобӣ бо истифода аз сохтани оғилҳои мустаҳкам, пардохти ҷуброни зарар ва ҷалби фондҳои ҷамъиятӣ ва дигар имтиёзҳои ҷамъиятӣ.
- Назорати байторӣ ва эмгузаронии чорво ва сагҳо дар ҷойҳои зисти барфи барфӣ ва тӯъмаи он ва дар наздикии онҳо.

Тадбирҳои мавҷуда татбиқ карда шаванд ва барои беҳтар кардани муҳофизат аз шикори ғайриқонунӣ ва тиҷорати ғайриқонунии ҳайвоноти ваҳшӣ тавассути такмил додани қонунгузорӣ, тақвияти иҷроиши қонунгузорӣ, пурзӯр кардани таъқиби судӣ, беҳтар кардани ҷамъоварии маълумот, таҳлил ва мубодилаи иттилоот, инчунин мувофиқи CITES ва дар ҳамкорӣ бо онҳо чораҳои иловагӣ андешида шаванд. Барои мисол:

- Кам кардани оқибатҳои шикори ғайриқонунӣ ва қонуншиканиҳои марбут ба он тавассути ҷаримаҳо, посбонӣ, омӯзиши муҳофизон ва татбиқи сиёсат дар сатҳи ҷамоаҳои маҳаллӣ;
- Ба роҳ мондани ҳамкорӣ байни вазорату сохторҳои гуногун (ба монанди амният ва гумрук) барои пайгирӣ ва мубориза бо тиҷорати ғайриқонунии бабрҳои барфӣ ва узвҳои он;
- Татбиқи сиёсатҳое, ки ба дастгирии иҷроиши қонунҳои мубориза бо шикори ғайриқонунӣ ва тиҷорати ғайриқонунӣ равона шудаанд, инчунин омӯзиши кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сарҳадбонон.

Барои кам кардани парокандашавии муҳити зист:

- Аз байн бурдан ё гузаронанда сохтани инфраструктураи хаттӣ (масалан, садҳои сарҳадӣ), ки ба кӯчиш монеъ мешавад;
- Гузаронидани инвентаризатсияи масири ҳаракати ҳайвонот ва муайян кардани долонҳои экологӣ, ки ҳудудҳои асосии муҳофизатшавандаро дар ҷойҳои зисти барсҳои барфӣ мепайванданд;
- Қабули сиёсатҳое, ки лоиҳаҳои инфрасохториро водор мекунанд, то кӯчиши ҳайвоноти ваҳшӣ ва дигар эҳтиёҷоти ҳайвоноти ваҳширо







махсусан нисбат ба  намудҳои ба Китоби сурх воридшуда дар Арзёбии таъсироти экологии худ, ба назар гиранд;
- Таҳкими ҳамкориҳои фаромарзӣ бо Чин, Қирғизистон, Афғонистон ва Ӯзбекистон барои мусоидат ба кӯчиши бабри барфӣ ва таъмини алоқамандии экосистемаҳо, беҳтар кардани ҳифз, ҳамоҳангсозии мониторинги намудҳо ва ғайра;
- Арзёбии ҳамаҷонибаи тамоми фаъолиятҳои рушд (инфрасохтор, истихроҷи маъдан, сайёҳӣ) бо муайян кардани афзалиятҳои банақшагирӣ, ки имконият медиҳанд зарар ба популятсияҳои бабри барфӣ ва муҳити зисти пешгирӣ шаванд.

Дар маҷмӯъ, ҳудудҳои муҳофизатшаванда, ки дар онҳо бабри барфӣ зист мекунад, барои самаранок дохил кардани ин намуд ба нақшаҳои идоракунии онҳо, ба кӯмаки иловагӣ ниёз доранд. Ҳудудҳои муҳофизатшаванда ба афзоиши маблағгузорӣ ва кӯмаки техникӣ ниёз доранд, алахусус кормандони ҳудудҳои муҳофизатшаванда дар шакли таҷҳизот, омӯзиш ва воситаҳои нақлиёт барои посбонии минтақаҳо. Ҳудудҳои муҳофизатшавандаи ҷамъиятӣ ва хоҷагиҳои шикорӣ, ки ба ҳифзи табиат машғуланд бояд дастгирӣ ёбанд. Долонҳои экологӣ низ барои кӯчиши бехатари бабри барфӣ ва туъмаи он муайян ва эътироф карда шаванд.

## Ҳамкории байналмилалӣ:

Бабри барфӣ ҳамчун Uncia uncia дар замимаи I CMS дохил карда шуда, яке аз намудҳое мебошад, ки аз ҷониби Ташаббуси Осиёи Марказӣ оид ба ширхӯрон (CAMI) эътироф гардидааст (қатъномаи 11.24 (нусхаи такмилёфтаи COP13)). Он инчунин зери тавсияи 9.3 CMS «Палангҳо ва дигар гурбаҳои калонҷуссаи Осиё» (Recommendation 9.3. Tigers and Other Asian Big Cats) қарор мегирад ва аз давлатҳои ареали паҳншавии он даъват мешавад, ки ҳамкориҳои байнисарҳадии мутақобиларо бо мақсади ҳифз ва идоракунии намудҳои гурбаҳои калони Осиё тавсиа диҳанд.

Чорабиниҳои CMS оид ба бабри барфӣ ва архар, ки дар экосистемаҳои кӯҳии шабеҳ зиндагӣ мекунанд, пешниҳод менамояд, ки кӯшишҳои ҳифз дар доираи Барномаи глобалии ҳифзи барси барфӣ ва экосистемаҳои он (Global Snow Leopard and Ecosystem Protection Program (GSLEP)) мувофиқат карда шаванд. GSLEP барои ҳамкории байни давлатҳои ареали паҳншавии бабри барфӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, ҷомеаҳои маҳаллӣ ва бахши хусусӣ заминаи умумӣ фароҳам меорад. Барнома ба таъмини зинда мондани дарозмуддати бабри барфӣ дар экосистемаи табиии он тавассути ҳифзи фаромарзӣ дар сатҳи ландшафтӣ равона шудааст.

Иттиҳоди аврупо (ИА): замимаи A ба Қоидаҳои ИА оид ба савдои ҳайвоноти ваҳшӣ (Рег. (ИА) 2023/966 аз 15 майи соли 2023).

Мувофиқи СИТЕС, ин намуд ҳамчун *Panthera uncia* ба замимаи I дохил карда шудааст, ки мақоми намудҳои зери таҳдиди маҳвшавӣ қарордоштаро дорад, ки ҳама гуна тиҷорати байналмилалӣ манъ аст.

## Хирси малла *(Ursus arctos isabellinus)*

| | |
|---|---|
| **Номи умумӣ:** | Хирси малла |
| **Номи илмӣ:** | *Ursus arctos isabellinus* |
| **Паҳншавии ҷуғрофӣ:** | Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон |
| **Шумора дар Тоҷикистон:** | 550–600 |
| **Ғизо:** | Ҳамахӯр; донагиҳо, шириниҳо, реша, буттамева, чормағз, инчунин ҳайвонот, аз қабили ҳашарот, ширхӯрон ва моҳӣ, агар мавҷуд бошанд |
| **Муҳити зист:** | Кӯҳҳо ва доманакӯҳҳо, аз минтақаи тасмаи ҷангали мӯътадил то тасмаи субалпӣ |
| **Хусусиятҳо:** | Зернамуди хирси малла, ки Амрикои шимолӣ, Аврупо ва Осиё зист мекунад |
| **Мақом дар Руйхати сурхи ИБХТ:** | *Ursus arctos* – намуди бо камтарин изтироб (Least Concern)<br>*U. a. isabellinus* – намуди осебпазир (Vulnerable) як популятсияи он зери таҳдиди маҳвшавӣ қарор дорад (Endangered) |
| **Китоби Сурхи Тоҷикистон:** | Ворид шудааст |

### Таҳдидҳои асосӣ:

Таҳдиди асосӣ барои хирси малла низоъ бо одамон мебошад.

- Ҳуҷуми хирсҳо ба боғҳои табиӣ, ба дигар дарахтони мевадиҳанда ва чормағзи ёбой боиси низоъ бо деҳқононе мегардад, ки аз ин захираҳо истифода мебаранд ва ба ин васила хирсҳо ҳамчун рақиб ва зарраррасон ҳисобида мешаванд;
- Муноқишаҳо бо занбӯрпарварон низ ҷой дорад, зеро хирсҳо баъзан ба қуттиҳои занбӯри асал ҳамла мекунанд. Занбӯрпарварон, махсусан дар минтақаҳои дурдаст, одатан хирсҳоро бо ёрии шикорчиёни маҳаллӣ таъқиб мекунанд;
- Вохӯриҳои тасодуфӣ бо одамоне, ки растаниҳои ёбоиро ҷамъоварӣ мекунанд ва бо чорводорон ҳолатҳои хатарнокро барои хирсҳо ва одамон эҷод мекунанд;
- Ҳукумати Тоҷикистон парондани хирсҳои ба одамон ва молу мулки онҳо хатарнок иҷозат медиҳад. Барои ин мақсад квотаи солонаи то даҳ хирс муқаррар карда шудааст;
- Таъқиби бевосита аз ҷониби одамон таҳдиди асосӣ ба ҳисоб меравад, ки ба коҳиши шумораи хирсҳо дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон оварда мерасонад.

Хирсҳо, аз руйи хусусияти экологияи худ ба тағйирёбии иқлим мутобиқати баланд доранд ва ба тамоюлҳои кунунии иқлим ҳассосияти зиёд нишон намедиҳанд. Аммо, таъсири тағйирёбии иқлим метавонад ба онҳо бавосита тавассути тағйироти фазоию-вақтӣ дар дастрасии ғизо таъсир расонад. Ғайр аз он, бо паст шудани ҳарорат, нарасидани манбаъҳои ғизо ва кам шудани давомнокии рӯз, хирсҳо ба хоби зимистона мераванд. Тағйирёбии иқлим метавонад боиси дертар оғоз шудан ва барвақттар тамом шудани хоби  зимистонӣ гардад, ки боиси тағйирёбии талабот ба энергия ва дигар шудани тарзи ҷустуҷӯи ғизо мегардад. Ҳарду омил метавонанд хавфи низоъ бо одамон ва куштори ҷавобиро зиёд кунанд.

### Дигар таҳдидҳо:

- Шикори ғайриқонунӣ. Хирсҳоро барои чарб, талхадон ва дигар узвҳои бадан, ки барои мақсадҳои тибби халқӣ истифода мешаванд, барои хӯрдан, шикор, савдо ва нигоҳдорӣ дар хона таъқиб мекунанд. Тағйирёбии иқлим боиси ноустувории иқтисодӣ дар ҷамоатҳои маҳаллӣ шуда, метавонад шикори ғайриқонуниро афзоиш диҳад.
- Хирсҳо баъзан чорворо низ шикор мекунанд, ки сабаби он дуруст ба роҳ намондани чорводорӣ ва набудани чораҳо барои пешгирии низоъ мебошад. Тағйирёбии иқлим метавонад низоъро шадидтар кунад, зеро баъзе захираҳои ғизоии табиӣ кам мешаванд.

## Тавсияҳои сиёсӣ:

Коҳиш додани низоъи байни одамон ва ҳайвоноти ваҳшӣ тавассути андешидани чораҳое, ки дар пешгирии низоъҳо самаранок мебошанд. Барои мисол:

- маҳкам кардани атрофи қуттиҳои занбӯри асал ва боғҳои мевадиҳанда бо симдеворҳои баркӣ;
- истифодаи дастгоҳҳои равшанидиҳанда ва садобароранда (фокслайт) барои тарсонидани хирсҳо;
- омӯзиши гурӯҳҳои мақсадноки одамон оид ба рафтори дуруст ҳангоми вохӯрӣ бо хирсҳо;
- тарғиби тоза нигоҳ доштани муҳити зист (ё ин ки коркарди партовҳо), то вохӯриҳои оядаи одам бо хирс кам карда шавад.

Таҳкими сиёсатҳое, ки ба ҳифз ва баланд бардоштани устувории макони зисти хирсҳо ва манбаъҳои ғизои онҳо нигаронида шудаанд.

- Бояд ташвиқи ҳифзи табиат (туризми табиӣ; истифодаи устувор; дастгирӣ дар коҳиш додани низоъи байни одамон ва ҳайвоноти ваҳшӣ) барои пешбарии чораҳои ихтиёрӣ барои коҳиш додани фишор ба хирс ва муҳити зисти он ҷорӣ карда шавад;
- Васеъ кардани ҳудудҳои музофизатшавандаи мавҷуда ва паркҳои миллӣ ва таъсиси минтақаҳои нави муҳофизатшаванда ва долонҳои экологӣ;
- Беҳтар кардани маблағгузорӣ ва кӯмаки моддӣ ба ҳудудҳои муҳофизатшаванда, аз ҷумла такмили ихтисоси кормандони ҳудудҳои муҳофизатшаванда, таъмини таҷҳизот, омӯзиш ва воситаҳои нақлиёт барои посбонии минтақаҳо.
- Дохил кардани хирсҳо ва эҳтиёҷоти он ба нақшаҳои идоракунии ҳудудҳои муҳофизатшаванда;
- Сиёсатҳое, ки ба лоиҳаҳои инфрасохторӣ дастур медиҳанд, ки кӯчиши ҳайвоноти ваҳшӣ ва дигар эҳтиёҷоти онҳоро ба Арзёбии таъсироти экологии худ дохил кунанд;
- Бо кишварҳои дигари ҷаҳон (масалан, Хорватия, Словения, Руминия), ки дар ҳалли муноқишаҳо бо хирсҳо таҷриба доранд, машварат намудан лозим, то роҳи беҳтарини






амал дар Тоҷикистон муайян карда шавад. Таъмини риояи чораҳои мавҷуда ва андешидани чораҳои иловагӣ, ки ба мубоpизаи самараноки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо шикори ғайриқонунӣ ва тиҷорати ғайриқонунӣ мусоидат мекунанд, дастгирӣ ва омӯзиши кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва кормандони сарҳадӣ.

Гузаронидани тадқиқот оид ба экологияи популятсионӣ, инчунин пурсиши сотсиологӣ дар бораи сатҳи дониши ҷомеаҳои маҳаллӣ оид ба хирсҳо, чунки хирси малла хеле кам омӯхта шудааст.

Чорабиниҳои баланд бардоштани дониш оид ба муҳити зистро бо таваҷҷӯҳ ба аҳамияти хирсҳо ба гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа гузаронида шаванд.

Мусоидат ба шинондани дарахтони мевадиҳандаи маҳаллӣ дар минтақаҳои ҷангал бо мақсади зиёед кардани захираҳои ғизои табиӣ.

## Ҳамкории байналмилалӣ:

Хирси малла ҳамчун *Ursus arctos isabellinus* ба замимаи I CITES ворид карда шудааст.

# Қонунгузории миллии мавҷуда

- Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 2 августи соли 2011, №761
https://www.fao.org/faolex/results/details/en/c/LEX-FAOC181164

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон  "Дар бораи ҳифзи табиат" (1 феравли 1996 №223, 10 майи  2002 №30, 2 декабри 2002 №75, 15 июли 2004 №58, 13 июни 2007 №284)
https://faolex.fao.org/docs/pdf/taj42462E.pdf

- Қонуни Ҷумҳурии Точикистон "Дар бораи ҳифз ва истифодаи олами ҳайвонот" (1997)

- Қонуни Ҷумҳурии Точикистон "Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда" (2011)

- Қонуни Ҷумҳурии Точикистон "Дар бораи маърифати экологии аҳолӣ" (2010)

- Қонуни Ҷумҳурии Точикистон "Дар бораи ҳифҳи муҳити зист" (2011, №760)
https://policy.asiapacificenergy.org/ru/node/413

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи чарогоҳҳо" (2019, №1618)
https://www.ecolex.org/details/legislation/law-no-1618-on-pastoralism-lex-faoc188331/?

- Қонуни Ҷумҳурии Точикистон "Дар бораи минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (2013, № 1003)
https://cis-legislation.com/document.fwx?rgn=61948

- Қонуни Ҷумҳурии Точикистон "Дар бораи олами ҳайвонот" (2008, № 354)
https://cis-legislation.com/document.fwx?rgn=21055

- Қонуни Ҷумҳурии Точикистон "Дар бораи ҳифз ва истифодаи олами ҳайвонот" (1994)

- Консепсияи ҳифзи муҳити зист Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2008, №645)
https://cis-legislation.com/document.fwx?rgn=26345

- Қонуни Ҷумҳурии Точикистон "Дар бораи чарогоҳҳо" (19 марти 2013, №951)
https://www.ecolex.org/details/legislation/law-no-951-on-pastures-lex-faoc170865/
Қонуни Ҷумҳурии Точикистон "Дар бораи шикор ва хоҷагиҳои шикор" (2014, №1118).
https://www.fao.org/faolex/results/details/fr/c/LEX-FAOC170864/#:~:text=This%20Law%20sets%20forth%20legal%20and%20economic,social%20relations%20concerning%20rational%20management%20and%20sustainable

GRID-Arendal, 2025, *Ҳалли масъалаҳои таъсири иқлим ба ҳайвоноти ваҳшӣ ва ҷомеаҳо дар минтақаҳои кӯҳӣ – Тоҷикистон*, Central Asian Mammals and Climate Adaptation project, UN Environment Programme.

CAMCA

GRID ARENDAL

A UNEP Partner



UN environment programme

WWF

CAMP tabiat
Public Foundation
for sustainable
mountain development

TAJIKISTAN NATURE FOUNDATION

CMS

CAMCA

GRID ARENDAL
A UNEP Partner

Supported by:

Federal Ministry
for the Environment, Nature Conservation,
Nuclear Safety and Consumer Protection

IKI INTERNATIONAL CLIMATE INITIATIVE

based on a decision of
the German Bundestag